# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.

Иттиҳоди ҷомеа, нигоҳ доштани фазои бисёрфарҳангии кишвар, рафъи нофаҳмиҳои этникиву миллӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ дар асоси афзалияти ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқии фарҳангҳои миллӣ ва маҳдуд кардани нобаробарии иҷтимоӣ сурат мегирад. Ҷомеа ба шахсияти таҳаммулпазир, низоми маорифи ба самти тарбияи таҳаммулпазирӣ равонабуда ва низ ба нерӯҳои илмӣ-методии дорои назария ва амалияи педагогиву психологии ба раванди тарбияи таҳаммулпазирӣ нигаронидашуда ниёз дорад.

Дар кори диссертатсионии Бобоева И. А. зери унвони “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” масъалаи ташаккули таҳаммулпазирии муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертатсия фарогири қисматҳои муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт мебошад.

Дар боби аввал ҷанбаъҳои назариявӣ ва педагогиву равонии истилоҳи таҳаммулпазирӣ баррасӣ гардида, аҳамияти соҳиб гардидан ба сифатҳои неки инсонӣ, чун худшиносӣ, инсондӯстӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, гузашт ва инсоф, раҳму шафқат, пӯшидани айбу нуқсон, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамдигар, хушгуфторӣ ва амсоли инҳо тазаккур ёфтааст. Дар фасли сеюми боби мазкур масоили инъикоси тарбияи

таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII ифода гаштааст.

Боби меҳварии рисола боби дуюм буда, роҳу усулҳои ташаккули таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва Абдураҳони Ҷомӣ бо шарҳу тафсири мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Дар маҷмуъ, аз фишурдаи рисола арзишмандии кори диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровнаро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии таткиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои педагогии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии наврасон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;
- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳия карда шуда мувофиқат менамояд;
- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;
- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши рушди таҳаммулпазирии хонандагонро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;
- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои таткиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ

ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, таткиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳиронава хуб истифода кардааст.

Автореферати диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферати ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафераи
фанҳои риёзӣ - табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон ________ Азимова Назира Самадовна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
Маҳаллаи 17, хонаи 1, тел.:+992(3422)-23811, моб.:+992(92)70707107
Почтаи электронӣ:
Вэб сомона: www.tsulbp.tj

Имзои Н.С. Азимоваро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон И.Ҳ. Мирпоччоев